# Тақризи роҳбари илмӣ

доктори илми филология Ҷумъахон Алимӣ ба диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ соли 2017 факултети омӯзгорӣ (ҳозира факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро рӯзона (бо дипломи аъло) хатм намудааст. Ӯ айни замон ба сифати саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад. Аз соли 2019 ҳамчун унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Ҳангоми кор аз болои диссертатсия худро ҳамчун муҳаққиқи ҷавону умедбахш нишон дода тавонист.

Тарбияи насли наврас масъалаи ҳалталаби ҷомеаи имрӯза маҳсуб меёбад. Хонанда ҳам дар муҳити муассисаи таълимӣ ва ҳам берун аз он рушд мекунад. Вазифаи муҳими муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро гирифтани хонандагон бо донишҳои нав мебошад.

Дар зери таъсири омилҳои сершумори ҳаяҷону изтироб, оила аксар вақт вазифаи иҷтимоии худро иҷро намекунад, ҳифзи кӯдаконро кафолат намедиҳад ва аъзои оила баъзан ба саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ зарар мерасонанд. Бисёре аз кӯдакон дар оила дар маҳрумияти иҷтимоӣ ва равонӣ зиндагӣ мекунанд, аз ҷониби падару модарон дастгирии психологӣ эҳсос карда мешаванд, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва педагогӣ маҳруманд.

Аммо, дар шароити навсозии муассисаи таълимии ибтидоии муосир, низоми мавҷудаи ҳамкорӣ байни оила ва муассисаи таълимӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар илми педагогика тасаввуроти возеҳи салоҳияти падару модарон, шаклҳо ва усулҳои ташаккули он дар падару

модарони хонандагон ҳамчун субъекти ҷараёни таълим вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, мо метавонем мушкилоти мавҷудияти ташкили ҳамкориҳои муассисаи таълимӣ ва оиларо, ки хусусан дар марҳилаи ибтидоии таълим муҳим аст, ошкор намоем.

Коркарди амсилаҳои муосири ҳамкориҳои самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ, таҳлили вазъи иҷтимоию педагогии имрӯза, таҷрибаи кори психологӣ ва педагогӣ бо падару модарон, ҷамъоварии маълумоти илмию таҳқиқотӣ ва таҳлили онҳоро талаб мекунад.

Ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар ҳама марҳилаҳои ҳаёти муассисаи таълимӣ муҳим аст, аммо он дар солҳои аввали кӯдакии муассисаи таълимӣ, вақте ки вай бо оилааш зич алоқаманд аст, аҳамияти вижа ва махсус пайдо мекунад. Вақте ки кӯдак ба муассисаи таълимӣ ворид мешавад, гузариш ба фаъолиятҳои таълимӣ амалӣ мешавад, мавқеи нави иҷтимоӣ, нақши нави хонанда аз худ карда мешавад, доираи робитаи ӯ бо ҷаҳони беруна васеъ мегардад, кӯдак нисбати таҳсил, муассисаи таълимӣ, омӯзгорон ва ҳамсолон муносибати мусбатро ташаккул медиҳад. Муваффақият ва саривақтии ташаккули ин паҳлуҳои соҳаи маърифатӣ, сифатҳо ва хислатҳои шахсият бо мавқеи фаъоли омӯзгор ва падару модар алоқаманд аст, ки ҳамкориҳои онҳоро дар муассисаи таълимии ибтидоӣ бечунучаро муҳим мегардонад.

Унвонҷӯй мақсад гузоштааст, ки асосноксозии назариявӣ ва коркарди амсилаи ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар шароити муосири таҳсилоти ибтидоӣ бароҳмонад.

Барои ба ин ҳадаф расидан саъй намудааст, ки: - дараҷаи рушди проблемаи фаъолияти самарабахши таълимиву тарбиявии оила дар назария ва амалияи муосири педагогиро омӯзад; - мундариҷа ва сохтори мафҳуми салоҳияти падару модар ҳамчун қувваи пешбарандаи ҳамкориҳои оила ва муассисаи таълимиро ошкор намояд; - шароити ташкилӣ оид ба амсиласозии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи муосир муайян ва озмоиш намояд; - ҷузъҳои асосӣ ва

меъёрҳою нишондиҳандаҳои фаъолият дар раванди амсиласозии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоии муосир муқаррар намояд; -тавсифи раванди амсиласозии ҳамкории самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ, коркарди амсилаи ҳамкории муассисаи таълимиро тавсиф намояд.

Унвонҷӯй Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмади дар таҳқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, чунин нуктаҳоро вобаста ба онҳо зикр намудааст: - проблемаи фаъолияти самарабахши таълимиву тарбиявии оила дар назария ва амалияи муосири педагогӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуд; - мундариҷа ва сохтори мафҳуми салоҳияти падару модар ҳамчун қувваи пешбарандаи ҳамкориҳои оила ва муассисаи таълимӣ ошкор карда шуд; - шароитҳои ташкилӣ оид ба амсиласозии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи муосир муайян ва мавриди озмоиш қарор дода шуд; - ҷузъҳои асосӣ ва меъёрҳою нишондиҳандаҳои фаъолият дар раванди амсиласозии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоии муосир муқарар карда шуд; - раванди амсиласозии ҳамкории самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ тавсиф гардида, амсилаи ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он дар таҳсилоти ибтидоии муосир собит карда шуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аст аз: - мушаххасгардонии мафҳуми «салоҳияти паддару модарӣ», сатҳи фаъолияти таълимии падару модар, мавқеи падару модар, шаклҳои муносибати байни падару модар ва кӯдак, тамоюули арзишии падару модарон; - асосноксозии шароитҳои ташкилӣ ва педагогии омӯзгор оид ба истифодаи усулҳои амсилаи ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз асосноксозии таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян кардани мавҷудият ва сатҳи салоҳияти падару модарон, таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи ҳамкории самарабахш байни оила ва

муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоии муосир, озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ иборат мебошад.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо падару модарони хонандагон дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон истифода бурд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаву тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (160 номгӯй) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Матни диссертатсия бо 27 адад ҷадвалу диаграмма ва расм таъмин гаштааст, ки муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои омӯзишро инъикос мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, доктори илми
филология, профессори
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ: Ҷумъахон Алимӣ

24-уми сентябри соли 2024.

Имзои Ҷумъахон Алимиро
тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ-и
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ф.Амиров

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Телефон: (+992-37) 2-25-06.

24-уми сентябри соли 2024.